# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

Душанбе, 11 июни соли 2015

**Тағйироти мусбат дар ҳаёти ҷавонони Бадахшон тавассути иштироки фаъол дар раванди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ**

Моҳи марти соли 2015, бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо, Муассисаи ҳамкориҳои байналмилалии Ассотсиатсияи таълими калонсолони Олмон (DVV International) як лоиҳаи нави 3-соларо бо номи «Тавсеаи ваколатҳои ҷавонон оид ба рушди устувор ва тағйирот" оғоз намуд, ки он дар доираи барномаи "Ширкат дар сулҳофаринӣ"-и Иттиҳоди Аврупо, бахши "«Бокортаъминкунии ҷавонон ҳамчун сулҳофаринӣ ва роҳи пешгирии низоъ" амалӣ карда мешавад.

"DVV International" ҳамчун масъули иҷроиш ва танзими лоиҳа дорои таҷрибаи бои иҷрои барномаҳои рушд, аз ҷумла дар лоиҳаҳои рушди соҳаи маориф мебошад, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ амалӣ карда шудаанд. Шарикони иҷроиш аз ҷумлаи сохторҳои маҳаллӣ- ташкилотҳои ҷамъиятии «Нур», «Мадина» ва филиали вилоятии Маркази миллии таълими калонсолон мебошанд. Лоиҳаи мазкур аз тарафи Иттиҳоди Аврупо (494 096 евро= 80%) ва Вазорати федералии Олмон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (130 904 евро = 20%), маблағгузорӣ мешавад. Фаъолияти лоиҳа 7 ноҳияҳои ВМКБ ва маркази он- шаҳри Хоруғро дар бар мегирад.

Ҳадафи умдатари ин лоиҳа- паст намудани ташаннуҷи имконпазири иҷтимоӣ дар ВМКБ мебошад, ки тавассути таъсиси ҳамкориҳои қавӣ ва самараноки пешвоёни ҷавон- иштирокчиёни муколамаи сиёсӣ ва равандҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии маҳалли худ ба нақша гирифта шудааст, ки тариқи эҷоди як фазои устувор ва мураттаб ба даст оварда мешавад.

Лоиҳа такмили зарфияти кадрӣ ва техникии ҳар се ташкилотҳои шарики маҳаллиашро ба нақша гирифтааст, ки мақсад аз ин: а) мусоидат ба воқифгардонии шаҳрвандон оид ба иштироки фаъоли онҳо дар тамоми равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи худ ва б) мусоидат ба коҳиши сатҳи бекорӣ мебошад. (Расидан ба мақсади мазкур тавассути ташхиси хизматрасониҳои зарурӣ дар бозори маҳаллии меҳнат; ба роҳ мондани таҳсилот аз рӯи он касбҳо; таваҷҷӯҳ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ дар маҳалҳои мавриди таваҷҷӯҳи лоиҳа дар назар аст). Гурӯҳҳои бевоситаи мавриди таваҷҷӯҳи лоиҳа: 1500 нафар ҷавонони синни аз 15 то 29 (хатмкунандагони курси маърифати шаҳрвандӣ, тренингҳо оид ба соҳибкорӣ, курсҳои касбӣ ва иштирокчиёни маҳфилҳои муколама); 16 нафар тренерони нав/ мутахассисони роҳнамоии касбӣ ва 12 мушовирон оид ба рушди соҳибкории хурд; 10 нафар кормандони сатҳи роҳбарӣ аз ТҶ-ии шарик ва филиали вилоятии Маркази миллии таълими калонсолон (МТК); 25 нафар мударрисони ҷавонон аз 9 ТҶ/ созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; 50 нафар кормандони мақомоти ҳукумати маҳаллӣ; 30 нафар соҳибкорони навкор ва 50 нафар кормандони сохторҳои мавҷудаи соҳибкорӣ.

**Маълумоти бештарро дар суроғаи зерин дастрас кардан мумкин аст:**

Назарет Назаретян, сардори бахши барномаҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва хадамоти маблағгузории ситоди DVV International дар Бонн, почтаи электронӣ:nazaretyan@dvv-international.de
Зарина Халикова, Директори дафтари намояндагии DVV International дар Тоҷикистон
Почтаи электронӣ khalikova@dvv-international.tj; Тел .: (+992 37) 2240619, ё 2240620

Иҷрокунандаи лоиҳа:

DVV International
Муассисаи ҳамкориҳои байналмилалии Ассотсиатсияи таълими калонсолони Олмон,
Дафтари минтақавӣ дар Тоҷикистон.
**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к Лоик Шералӣ № 3,
**Тел.:** (+992 37) 224 06 19, 224 06 20
**Сомона**: www.dvv-international.tj

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.

**Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

734013 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе,
к. Адҳамов, хонаи 74
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_tg.htm

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффакиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушди мамлакат тақрибан 25 млн. евро фароҳам менамояд.